**КОДЕКСИ АХЛОҚ**

**ПРИНСИПҲО**

Аудиторони дохилӣ бояд принсипҳои зеринро риоя кунанд:

1. **Поквиҷдонӣ**

Бовиҷдонии аудитори дохилӣ заминаест, ки боварӣ ба ақидаи аудитор бар он асос ёфтааст.

2. **Воқеъбинӣ (Беғаразӣ)**

Аудиторони дохилӣ сатҳи баланди беғаразии касбиро дар рафти ҷамъоварӣ, баҳодиҳӣ ва интиқоли маълумот дар бораи объекти аудит нишон медиҳанд. Аудиторони дохилӣ ба ҳамаи ҳолатҳои ба кор дахлдошта баҳои санҷидашуда (амиқ) медиҳанд ва фикру мулоҳизаҳояшон зери таъсири манфиатҳои шахсии худ ё манфиатҳои дигар шахсон қарор надорад.

3. **Махфият**

Аудиторони дохилӣ ба ҳуқуқи моликият ба маълумоте, ки онҳо дар рафти фаъолияти худ мегиранд, бо эҳтиром муносибат мекунанд ва маълумотро бе ваколатҳои барои он додашуда ифшо намекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ифшо намудани чунин маълумотро ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ё касбӣ талаб карда бошад.

4. **Салоҳияти касбӣ**

Аудиторони дохилӣ дониш, малака ва таҷрибаеро, ки барои хизматрасонии аудити дохилӣ зарур аст, ба кор мебаранд.

**ҚОИДАҲОИ РАФТОР**

1. **Поквиҷдонӣ**

Аудиторони дохилӣ:

1.1. Бояд пок, бовиҷдон ва ҳангоми иҷрои кор масъулиятшинос бошанд.

1.2. Дар доираи қонун амал кунанд ва агар инро қонун ё стандартҳои касбӣ талаб кунад, маълумоти дахлдорро ифшо намоянд.

1.3. Дидаву дониста дар он кору амалҳое, ки шаъну эътибори касби аудитори дохилӣ ё ташкилоти вайро паст менамоянд, иштирок накунанд.

1.4. Мақсадҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ахлоқ асоснокшудаи ташкилоти худро эҳтиром карда, дар ноил гардидани онҳо саҳм гузоранд.

2. **Воқеъбинӣ (Беғаразӣ)**

Аудиторони дохилӣ:

2.1. Дар ягон фаъолияте, ки метавонад ба беғаразии онҳо зарар расонад ё ҳамчун амали ин гуна зарарро расонанда дониста шавад, иштирок накунанд. Ин матлаб инчунин ба фаъолият ва муносибатҳое, ки имкон дорад хилофи манфиатҳои ташкилот бошад, татбиқ мегардад.

2.2. Ягон тӯҳфаеро, ки метавонад ба ақидаи касбии онҳо зарар расонад ё ҳамчун амали ин гуна зарарро расонанда дониста шавад, қабул накунанд.

2.3. Ҳама гуна далелҳои маълуми моддиеро, ки қаблан ошкор набуданду метавонанд ҳисобот дар бораи объекти аудитро таҳриф кунанд, ифшо намоянд.

3. **Махфият**

Аудиторони дохилӣ:

3. 1. Дар истифода бурдан ва нигоҳдории маълумоте, ки дар рафти иҷрои ӯҳдадориҳои худ дастрас кардаанд, бояд муносибати оқилона ва эҳтиёткорона дошта бошанд.

3.2. Маълумотро ба манфиати шахсӣ ё ба ҳар тарзи дигаре, ки хилофи қонун буда, метавонад ба комёб шудани мақсадҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ахлоқ асоснокшудаи ташкилот зарар расонад, истифода набаранд.

4. **Салоҳияти касбӣ**

Аудиторони дохилӣ:

4.1. Танҳо дар он супоришҳое, ки барои иҷрои онҳо дониши мукаммали касбӣ, малака ва таҷриба доранд, иштирок намоянд.

4.2. Хизмати аудити дохилиро мутобиқи "Стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ" расонанд.

4.3. Мунтазам маҳорати касбии худ, инчунин сифати хизматрасониро баланд бардоранд.